**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 25.04.2024, №69

Барои сазовор донистани Султанзода Заррина, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Султанзода Заррина дар мавзуи «Хусусиятҳои сохторӣ-семантикӣ ва тарҷумавии воҳидҳои фразеологӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ»» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми майи соли 2023, таҳти №122/шд) 15-уми феврали соли 2024, суратмаҷлиси №60 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Султанзода Заррина 30-юми октябри соли 1995 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2017 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси арабӣ-англисӣ бо касби мутахассис оид ба робитаҳои байнифарҳангӣ, тарҷумон-референт (арабӣ-англисӣ) хатм намудааст. Аз соли 2016 ба ҳайси лаборанти кафедраи филологияи араби факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба кор карда, аз сентябри соли 2017 то 2022 дар вазифаи котиби ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кору фаъолият намудааст. Соли 2018 ба шуъбаи ғоибонаи аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2022 онро аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ хатм намудааст. Айни замон ба ҳайси сармутахассиси шуъбаи робитаҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи филологияи араби факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: **Исмонов Кароматулло Бадридинович** – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи араби факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ: Султон Ҳасан Баротзода** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, сарходими илмии шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; **Шаҳбози Рустамшо** – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси филология, директори филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб».

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ Шерализода Адолат Шералӣ, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ Раҷабов Абубакр Ашурович, котиби илмии ҷаласа – доктори фалсафа (Ph.D) Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И. тасдиқ шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Султанзода Заррина дар мавзуи «Хусусиятҳои сохторӣ-семантикӣ ва тарҷумавии воҳидҳои фразеологӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ»» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 5 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯ 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М] Ёраҳмадова, З. «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» – ганҷинаи воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ [Матн] / З. Ёраҳмадова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 8. – С. 131-133.

[2-М] Ёраҳмадова, З. Тарҷумаи воҳидҳои фразеологии арабӣ ба забони тоҷикӣ (дар мисоли «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ») [Матн] / З. Ёраҳмадова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 1. – С. 71-76.

[3-М] Исмонов К., Ёраҳмадова, З. Синонимияи воҳидҳои фразеологӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ») [Матн] / К.Б. Исмонов, З. Ёраҳмадова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 2. – С. 18-23.

**II. Дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[4-М] Султанзода, З. Хусусиятҳои сохторӣ-семантикӣ ва бадеии воҳидҳои фразеологӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» [Матн] / З. Султанзода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солагии таъсисёбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Масъалаҳои ватандӯстӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ – омили муҳимми таҳкими давлатдорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (АИДПҶТ, 20.02.2023). – Душанбе, 2023. – С. 294-297.
[5- М] Султанзода, З. Ибораҳо ва сохторҳои фразеологӣ бо феълҳои ёрирасон дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» [Матн] / З. Султанзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Стратегия ва тамоюлҳои рушди журналистика, филология ва лингводидактика» (ДСРТ, 10.11.2023). – Душанбе, 2023. – С. 327-333.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Амлоев Аминҷон Ятимович мусбат буда, дар он чунин эродҳо манзур шудаанд:

- баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба матни автореферати диссертатсия роҳ ёфтаанд, ки ислоҳ мехоҳанд.

- бархе ҷумлаҳо ба таҳрири услубӣ ниёз доранд. Масалан, дар ҷумлаи сархати аввали саҳифаи 17 печидагуфторӣ дида мешавад.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи омӯзгории забонҳои Шарқи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Тураев Абунаср Маҳмадхоҷаевич низ мусбат буда, дар он дар баробари зикри дастовардҳои довталаби дараҷаи илмӣ танҳо ишора шудааст, ки норасоиву камбудиҳои ҷузъии имлоӣ ва ё техникӣ дар автореферат ба назар мерасанд.

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Назаров Меҳрубон Ниёзмадович мусбат буда, дар он ба чунин камбудиҳои автореферат ишора шудааст:

- таносуби фаслҳо дар автореферат ба инобат гирифта нашудааст. Хуб мебуд, агар муҳаққиқ маълумотро дар мавриди боби дувум ба монанди бобҳои як ва се каме бештар меовард;

- диссертант агар дар кори худ аз транскрипсия истифода менамуд, ба илмияти кор судманд мебуд. Ба ин маъно, ки агар диссертант транскрипсияи вожаву таъбир ва ҷумлаҳои арабиро дар фишурда истифода мекард, бамаврид буд;

- дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоию техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси беҳтар гардидани кор аст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– хусусиятҳои гуногуни воҳидҳои фразеологии «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» **муайян карда шудаанд;**

– тарзи корбурд ва ҷойгоҳи воҳидҳои фразеологӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» **нишон дода шудааст**;

– мазмуну муҳтаво ва категорияҳои луғавии воҳидҳои фразеологии асар, аз қабили синонимия, антонимия, вариантнокӣ ва полесимия **муайян карда шудаанд;**

– нақши феълҳои ёридиҳанда дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ **нишон дода шудааст;**

– мушикилоти тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ ва муодилёбиву муодилофаринии мутарҷимони асар **баррасӣ гардидааст;**

– воҳидҳои фразеологии бахши тарҷумавии асар бо бахтши таълифии он мавриди муқоиса **қарор дода шудааст**.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ** дар он хулоса мешавад, ки диссертатсия метавонад барои шинохти ҷойгоҳи воҳидҳои фразеологӣ дар асрҳои IX-X мусоидат намояд. Ҳамзамон, он метавонад барои нафароне, ки ба тарҷума машғуланд, ҳамчун роҳнамо хидмат намояд, зеро дар он мушкилоти тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ ва тарҷумапазириву тарҷуманопазирии онҳо такя ба маводи «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ба таври васеъ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ ба сифати асосҳои муҳимми назарӣ таҳқиқоти илмӣ ва таълифоти донишмандони хориҷӣ, аз қабили В.В. Виноградов, Н.М. Шанский, Б.А. Ларин, В.А. Архангелский, А.В. Кунин, С.И. Ожегов, А.А. Булаховский, В.П Жуков, Маҳмуд Фаҳмӣ ал-Ҳиҷозӣ, Муҳаммадалӣ ал-Хулӣ, Алӣ ал-Қосимӣ, Карим Закӣ Ҳисомуддин, Исомуддин Абдуссалом Абузулол, Парвиз Нотили Хонларӣ, Абдурраҳим Ҳумоюнфаррух, Ботинӣ Муҳаммадризо ва забоншиносони ватанӣ: Н. Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, Б. Камолиддинов, С.В. Хушенова, Р. Эгамбердиев, Ҳ. Маҷидов, Р.М. Султанова, И. Ҳасанов, Р. Саидов, Х.Ҷалилов, А.Шарофиддинова, Ҳ.Дӯстов ва дигарон истифода шудаанд.

Дар диссертатсия аз методҳои маъмулу санҷидашудаи забоншиносӣ, аз қабили мушоҳидаву муқоиса, синхрониву диахронӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ оморӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки маводи манзуршуда, натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он дар пажуҳиши масъалаҳои алоқаманд ба сохтор ва мундариҷаи маънои воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ арзиши муҳим доранд. Натиҷаҳои диссертатсияро метавон зимни дарсҳои назариявию амалии таърихи забон, курсҳо ва семинарҳои тахассусӣ доир ба фразеология, назария ва амалияи тарҷума, ҳамзамон, барои тартиб додани луғатҳои фразеологӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо ва дар дигар муассисаҳои илмӣ-таълимӣ истифода намуд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ таҳқиқот ва андешаҳои забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мувофиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ,

коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, теъдоду ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмӣ манзур гардида, натиҷаҳои фаслу бобҳо ва таҳқиқи назарии мавзуъ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми фардии муаллиф, ҳамчунин, дар он зоҳир меёбад, ки ӯ дар ҷараёни ҷамъоварии маводи илмӣ, таснифоти воҳидҳои фразеологӣ, таъини тарҳи кор ва таълифи мақолаҳо мустақилияти андеша дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба равишҳои таҳқиқии муосир такя карда, аввалин бор воҳидҳои фразеологиро дар асоси маводи «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» мавриди пажуҳиш қарор дода, дар зимн хусусиятҳои тарҷумавии онҳоро бо муқоиса байни забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ ба таҳлил кашидааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 25-уми апрели соли 2024 дар бораи сазовор донистани Султанзода Заррина ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 12 нафар, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ иштирок доштанд.

Аз 12 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Хоҷаев Давлатбек

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мирзоева Моҳира

25.04.2024.